Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ҚАРОР**
Правительство Республики Таджикистан
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 1 сентябри соли 2005 № 331
ш. Душанбе

Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамлу нақл, транзити бор ва мусофирон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамлу нақл, транзити бор ва мусофирон, ки 27 апрели соли 2005 дар шаҳри Кобул ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи Созишномаи мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррargardida ҷониби Афғонистонро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
Э. Рахмонов

---

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ҚАРОР**
Правительство Республики Таджикистан
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 1 сентября 2005 года № 331
ш. Душанбе

Об утверждении Соглашения между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Исламской Республики Афганистан о перевозках и транзите грузов и пассажиров

Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Исламской Республики Афганистан о перевозках и транзите грузов и пассажиров, подписанное 27 апреля 2005 года в городе Кабуле.

2. Министерству транспорта Республики Таджикистан совместно с заинтересованными министерствами и ведомствами принять необходимые меры по реализации настоящего Соглашения.

3. Министерству иностранных дел Республики Таджикистан в установленном порядке уведомить афганскую сторону о выполнении Республикой Таджикистан внутригосударственных процедур, необходимых для вступления в силу указанного Соглашения.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан
Э. Рахмонов

**СОЗИШНОМА**

байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамлу нақл ва транзити бор ва мусофирон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд,

бо таъкиди алоқамандӣ ба таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни ду кишвар;

бо таваҷҷӯҳи муштарак ба инкишоф ва густариши бештари робитаҳо ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ;

ба манзури танзим ва осон гардонидани ҳамлу нақл ва транзити бор ва мусофирон аз қаламрави онҳо,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

Моддаи 1

Тарафҳо тибқи маводи ин Созишнома ҳамлу нақли борҳо ва мусофиронро байни ҳар ду кишвар ва транзити онро аз қаламрави якдигар бо воситаҳои нақлиёти омехта (мултимодалӣ) амалӣ месозанд.

Моддаи 2

Тарафҳо барои ҳамлу нақли дуҷониба, транзити бор ва мусофирон ба қаламрави якдигар ва аз тариқи қаламрави якдигар шароити мусоидро фароҳам меоранд.

Тарғиб ва шароити ҳамлу нақли бор ва мусофирон байни ду кишвар, аз тариқи гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва роҳҳои омиӣ, бар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷудогона байни мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо муайян хоҳад гардид.

Моддаи 3

Транзити байналмилалии бор ва воситаҳои нақлиёт аз қаламрави якдигар мутобиқи конвенсия ва шартномаҳои байналмилалии ҳамлу нақл ва мутобиқи шароити ин Созишнома сурат мегирад.

Моддаи 4

Убури борҳо, мусофирон ва воситаҳои нақлиёт аз кишвари сеюм ҳангоми убур тавассути қаламрави яке аз Тарафҳо, ба мақсади вуруд ба кишвари Тарафи дигар, барои он Тарафе, ки аз қаламрави он убур сурат мегирад, транзит шуморида мешавад.

Ҳангоми убури транзитии борҳо аз қаламрави Тарафҳо, дар ҳолати тағйири воситаҳои нақлиёт, нигаҳдорӣ дар анборҳои гумрукӣ, бандарӣ ва ҳамчунин гармим, аз нав бастабандӣ ва ҳамлу нақл дар моҳияти транзитии онҳо тағйир ворид намешавад.

Моддаи 5

Ҳамлу нақл ва транзити бор ва мусофирон ба василаи воситаҳои нақлиёт, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории миллии Тарафҳо сабт шудаанд, амалӣ мегардад.

Ронандагони воситаҳои нақлиёт бояд гувоҳиномаи ронандагии байналмилалии дорои тасдиқи мақомоти даҳлдори Тарафҳоро дошта бошанд.

Моддаи 6

Тарафҳо барои беҳбудии роҳҳо ва шоҳроҳҳои мавриди истифода дар ҳамлу нақл ва транзити бор ва мусофирон аз қаламрави якдигар, ҳамчунин барои таъмини марказҳои хизматрасонӣ ва амнияти ҳамлу нақл, транзити бор ва мусофирон тадбирҳои лозимаро амалӣ менамоянд.

Моддаи 7

Ҳамлу нақл ва транзити борҳои махсус ва хатарнок, метавонад танҳо аз тариқи мувофиқатҳои қаблии дуҷониба бар асоси қонунҳои ҷории Тарафҳо сурат гирад.

Моддаи 8

Тарафҳо ба мақсади ҳифзи саломатии шаҳрвандони кишварҳои худ ва ҳифзи муҳити зист барои ҳамлу нақл ва транзити мусофирон, ҳайвонот ва наботот метавонанд мавҷудияти санади зарурии мақомоти даҳлдори тиббӣ, беҳдоштии ҳайвонӣ ва наботии лозимро дархост намоянд.

Бозрасии марзбонӣ, гумрукӣ ва санитарӣ бар асоси муқаррароти қарордодҳои байналмилалӣ, ки ҳар ду Тараф аъзои он мебошанд, сурат мегирад.

Моддаи 9

Ҳар яке аз Тарафҳо дар ҳолатҳои фавқулодда, ба манзури таъмини тартиботи муайян дар қаламрави кишвари худ, метавонад муваққатан татбиқи амалии ин Созишномаро мавқуф қарор диҳанд ва бо одӣ шудани шароити татбиқи мундариҷоти ин Созишнома аз нав оғоз мегардад. Тарафҳо аз вуқӯъи ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи он бо роҳҳои дипломатӣ якдигарро огоҳ месозанд.

Моддаи 10

Тағйир ёфтани мавқеъҳои сиёсӣ ё ихтилофоти сиёсии байни Тарафҳо наметавонад барои татбиқи муқаррароти ин Созишнома монеаҳо эҷод намояд.

Моддаи 11

Тарафҳо барои татбиқи ин Созишнома мақомоти зерини салоҳиятдори худро таъйин менамоянд:

[illegible] Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: Вазорати хориҷаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо ба манзури иҷрои ин Созишнома ва ҳаллу фасли масъалаҳои марбути алоқаи тарафайн ҷаласаҳои навбатии худро ба таври солона дар шаҳрҳои Душанбе ва Кобул доир менамоянд. Ҷаласаҳои фавқуллодаи мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо тибқи дархости расмии яке аз мақомоти салоҳиятдор баргузор мегардад. Мақомоти салоҳиятдор роҷеъ ба баррасии масъалаҳо протоколи дахлдор тартиб медиҳанд, ки баъд аз манзури Тарафҳо марбути татбиқ қарор дода мешавад.

## Моддаи 12

Тарафҳо ҳар гуна масъалаҳои марбути баҳс ва ихтилофи назар дар тафсир ва татбиқи ин Созишнома ба миён меояд аз тариқи машваратҳои дуҷониба ҳаллу фасл менамоянд.

## Моддаи 13

Тарафҳо метавонанд ба ин Созишнома бо мувофиқати ҳамдигар тағйироту иловаҳо аз тариқи имзои протоколҳои алоҳида ворид намоянд. Протоколҳо бо ҳамон шароите, ки барои эътибор пайдо кардани ин Созишнома пешбинӣ шудааст, эътибор пайдо менамоянд.

## Моддаи 14

Ин Созишнома дар 14 (чордаҳ) модда баста шуд ва аз таърихи охирин огоҳиномаи хаттии Тарафҳо дар бораи анҷом додани расмиёти дохилидавлатӣ мутобиқи қонунгузории кишварҳои худ эътибор пайдо мекунад.

Муддати амали ин Созишнома 5 (панҷ) сол мебошад ва худ аз худ ба муддати панҷсолаи дигар тамдид мешавад, агар яке аз Тарафҳо Тарафи дигарро бо роҳҳои дипломатӣ аз нияти тамдид накардан ё қатъи амали он огоҳ насозад ва дар чунин ҳолат амали ин Созишнома баъд аз 6 (шаш) моҳ аз эълони намудани нияти қатъи амали он қатъ мегардад.

Ин Созишнома дар шаҳри Кобул, «22» апрели соли 2005 мелодӣ мутобиқ бо «2 »[illegible] саври соли 1384 ҳиҷрии шамсӣ дар ду нусхаи асл ба забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва англисӣ ки эътибори яксон доранд, ба имзо расид. Дар ҳолати ихтилофи назар дар тафсири он матни англисӣ ба асос гирифта мешавад.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби<br>Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби<br>Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон |